**Дастурамал**
**оиди пур намудани шакли №9 – кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи истифодабарии нуриҳои минералӣ ва органикӣ»**
**барои ҳосили соли 202__»**

Ҳисоботи шакли №9-кишоварзиро ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеъият ба ғайр аз хочагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба мақомоти омори маҳаллӣ бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд. Дар ҳисобот миқдори нуриҳои минералӣ ва органикӣ новобаста ба давраи нуридиҳӣ нишон дода мешавад (ба заминҳои дамдодашуда ва шудгори соли гузашта, ба ғайр аз он пеш аз кишт, дар вақти кишт ва бо намуди ғизодиҳӣ дар соли ҷорӣ ва тирамоҳӣ соли гузашта ба кишти зироатҳо ва ба ниҳолҳои бисёрсола (боғҳо, токзорҳо, тутзорҳо), чарогоҳҳо заминҳои алафдарав, ва кишти заминҳои зери пленка, гамхонаҳо ва ғайра).

Ба ҳисобот нуриҳое, ки дигар ташкилотҳо ба хоҷагӣ ёри расонида бошад ва дар асоси санади қабул миқдори нуриҳои ба замин додашуда нишон дода шуда низ дохил мешавад. Миқдори нуриҳое, ки барои ҳосили соли оянда ба замин дода шудааст дар ҳисобот дохил карда намешавад.

Дар ҳисобот миқдори нуриҳо ба 100% моддаҳои таъсиркунанда нишон дода мешавад.

Пеш аз он, ки ҳисобот пур карда шавад, миқдори нуриҳое, ки бо вазни физикӣ нишон дода шудааст, ба ғизои таъсиркунанда баргардонидан лозим аст. Барои ин ҷадвали ёрирасон тартиб дода, намуди нурӣ аз вазни физикӣ ба фоизи ғизои таъсиркунанда гардонида мешавад. Он бо роҳи зарб задании вазни физикӣ бо фоизи моддаи таъсиркунанда ва тақсим ба 100 муайян карда мешавад. Мисол: 77 тонна сулфати аммонии дар таркибаш 20% азот дошта, ба ҳисоби ғизои таъсиркунанда мешавад:

$$\frac{77 \times 20}{100} = 15,4 \text{ тонна}$$

Маълумоти дар бораи фоизи ғизои таъсиркунанда аз ҳуҷҷатҳои нуриҳои аз завод воридшуда мувофиқи сертификат гирифта мешавад.

Барои он, ки ҳисобот дуюмбора дар вазни физикӣ гирифта нашавад, дар нуриҳои мураккаб (мисол, нитрофоска) миқдори нурӣ бо вазни физикӣ нишон дода мешавад.

Дар охири сатри 16 рӯйхати миқдори нуриҳои минералӣ бо фоизи тахминии ғизои таъсиркунанда нишон дода мешавад. Ғизоҳои таъсиркунанда дар рӯйхат кӯтоҳ нишон дода мешавад: нуриҳои азотӣ ҳарфи N, фосфорӣ – $P_2O_5$- ва калийгӣ-$K_2O$

| 1. Нуриҳои азотӣ | Ҳисоби миёнаи моддаҳои таъсиркунанда (%) |
|---|---|
| Селитра | на кам аз 34 |
| Сулфат аммоний | 20,8-21 |
| Карбомид | 46 |
| Селитраи натрий | 15-17 |
| Селитраи калсий | на кам аз 17 |
| Селитраи калий | N-14 калий – 38 |
| Оби аммиак | 16-20,5 |
| Сулфат аммоний натрий | на кам аз 17,5 |
| Аммиаки хушк (бе об) | 82 |
| | |
| 2. Нуриҳои фосфорӣ | |
| Суперфосфати одди | на кам аз 19,5 |
| Суперфосфати ғелак | 20 |
| Зағелаи фосфат | на кам аз 10 |
| Суперфосфати дударачҳа | 45-50 |
| Фосфати бефтор | 30-50 |
| Суперфосфати аммоний | 15 |
| | |
| 3. Орди фосфорӣ | 19-25 |
| 4. Нуриҳои калийдор | |
| Калий хлор | 52-62 |
| Намаки калий | на кам аз 40 |
| Каинит | 10 |
| Хлори калий электролит | 32-45 |
| Сулфат калий | МдО-9;28 |
| Калимагнезия | МдО-9;185 |
| Омехтаи калий магний | |
| | |
| 5. Нуриҳои мураккаб | |
| Аммофос | N-11; P2O5 46-50 |
| Нитрофос | N-22-24; P2O5 14-22 |
| Нитрофоска | N-11; P2O – 10-11 |
| Нитроамофос | N-16-25; P2O-20-24 |
| Нитромофоска | N-13-17; P2O5 17-19 |
| Нуриҳои мураккаби омехтаи ғелак | N-10; P2O5-10; K2O-10 |
| Нуриҳои фосфори калийдори фишурдашуда | P2O5-14;K2O-14 |
| Нуриҳои моеи комплексӣ | N-10; P2O5-34 |

Дар сутуни 1 «Истифодабарии нуриҳои ба ҳисоби 100% моддаи таъсиркунанда - сентнер» нишон дода мешавад. Миқдори нуриҳои минералӣ барои ҳосили соли ҷорӣ додашуда, ҳамчун нурии асосӣ ва ҳам бо намуди ғизодиҳӣ ҳисобида мешавад.

Дар сутуни 2 ба тамоми зироат миқдори нуриҳои органикӣ поруи (тонна) истифодашуда ва ба заминҳои бекорхобида ва шудгор кардашуда дар соли гузашта нишон дода мешавад.

Дар сутуни 3 «замини умумии кишт барои ҳосили соли ҷорӣ - гектар» нишон дода мешавад. Замини кишти аниқшуда бояд, ки бо замини кишти шакли №29-кишоварзӣ мувофиқат намояд.

Дар сутунҳои 4 ва 5 замини нуриҳои минералӣ ва органикӣ додашуда, нишон дода мешавад. Заминҳои нурӣ истифодашуда аз заминҳои кишткардашудаи ҳар як зироат зиёд набошад.

Замини нуридодашуда бо роҳи тарҳ кардан аз замини умумии ҳар як зироат қитъаи тамоман нуридоданашуда барои ҳосили соли ҷорӣ муайян карда мешавад. Мисол: Дар хоҷагӣ 25 га замини картошка шинонда шудааст. Барои ҳосили соли ҷорӣ нуриҳои минералӣ дода шуд; тирамоҳӣ соли гузашта баҳор, тобистони соли ҷорӣ: дар майдони 18 га ду маротиба ғизо дода шуд, дар майдони 5 га як маротиба ва дар майдони 2 га нӯриҳои минералӣ тамоман дода нашудааст. Дар ин ҳолат дар сутуни 3 ҳисобот дар сатри 08 навишта мешавад 25 га ва дар сутуни 4-фақат 23 га (25-2).

Майдони кишт дар ҳисобот бо ченаки гектар нишон дода мешавад.

Ба сатрҳои аз 01 – 15 миқдори заминҳои нуридодашуда барои ҳосили соли ҷорӣ ҳамчун ғизои асосӣ ва озуқа нишон дода мешавад: Майдони кишт ва ғизододашуда: ҷамъи сатрҳои 02, 05, 06, 08 то 11 бояд, ки ба ҷамъи сатри 01 баробар бошад.

Миқдори замини нурӣ додашуда ба зироат бояд, ки ба ҷамъи миқдори замини кишт ва нуридодашуда зид набошад.

Дар сатри 14 ва 15 дар сутунҳои 4 ва 5 нишон дода мешавад: ҳамаи заминҳои нуридодашудаи ниҳолҳои бисёрсола ба миқдори физикӣ.

Дар сатри 16 миқдори нуриҳои минералӣ ва органикӣ додашуда ба ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ, ниҳолҳои бисёрсола, заминҳои алафдаравӣ табиӣ ва чарогоҳ нишон дода мешавад.

Ҷамъи маълумотҳои сатри 01, 14, 15 бояд, ки ба нишондоди сатри 16 баробар бошад.

Дар сатри 03 «ба гандум» (тирамоҳӣ ва баҳорӣ) миқдори нуриҳои додашуда дар соли ҷорӣ барои ҳосили соли оянда дар ҳисобот нишон дода намешавад.

Ҳисоботро роҳбари хоҷагӣ (ташкилотҳо) ва сармуҳосиб имзо менамояд.

Шахси имзокунанда барои эътимоднок ва аниқ будани ҳамаи маълумотҳои дар ҳисоботбуда ва сари вақт пешниҳод кардани он ҷавобгар мебошад.